«*Тасдиқ мекунам*»
Директори Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
доктори илмҳои таърих, профессор
_______________ Убайдулло Н.К.
«7» ноябри соли 2019

**Хулосаи**

Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Комилов Меҳроҷ Шарифович «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07 00 02 – таърихи ватанӣ (илмҳои таърихӣ).

Рисолаи илмии «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)» дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст.

Унвонҷӯ Комилов Меҳроҷ Шарифович, соли таваллудаш 1991, соли 2013 факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, соли 2016 магистратура ва соли 2019 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Роҳбари илмӣ – Абулхаев Ракиб, доктори илмҳои таърих, профессор.

Рисолаи илмии унвонҷӯ Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои

1991-2016)» дар ҷаласаи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶТ муҳокима ва барои дифоъ пешниҳод карда шудааст.

Дар муҳокима ширкат намуданд: Ғафуров А.М., мудири шуъба, номзади илмҳои таърих, дотсент, Абулҳаев Р., доктори илмҳои таърих, профессор, Ҳотамов Н. Б., доктори илмҳои таърих, профессор, Абдурашитов Ф., доктори илмҳои таърих, ходимони илмии шуъба Мирзоев Ҷ., Мусоев Ё., Ҳусейнӣ Х., Олимова Ш., унвонҷӯ Комилов М. Ш.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи Комилов М. Ш. **хулосаи зерин пешниҳод шуд:**

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)» муҳиму мубрам буда, ба масъалаҳои таҳкими фаъолияти китобхонаҳои анъанавӣ, электронӣ ва дурнамои рушди онҳо дар шароити давлати соҳибистиқлол бахшида шудааст.

**Мубрамияти мавзӯъ** дар он зоҳир мешавад, ки то кунун дар илми таърихи китобдории тоҷик масоили фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол ҳамчун мавзӯи таҳқиқоти ҷудогона ба таври ҷомеъ мавриди омӯзиш қарор нағирифтааст. Мубрамияти мавзӯи мазкур боз дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити ҷаҳонишавии ҷомеаи иттилоотӣ ва рушди бемайлони воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар радифи китобхонаҳои анъанавӣ пайдо шудану ба фаъолият шурӯъ кардани китобхонаҳои электронӣ ҳамчун марказҳои нави ҷамъоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодаву интиқоли манобеи иттилоотӣ таваҷҷуҳи ягон муҳаққиқро ба худ ҷиддан ҷалб накардааст. Аз ин рӯ, таҳлили илмии раванди таъғирпазирии фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон ва вазъи онҳо дар даврони истиқлол аз ҷониби унвонҷӯ лоиқи дастгирист.

**Саҳми шахсии муаллиф дар натиҷагирии мавзӯъ** дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои

нашргардида доир ба фаъолияти китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии Тоҷикистони соҳибистиқлол бори нахуст дар илми таърихи ватанӣ таҳлили маҷмӯии таҳқиқоти мазкурро анҷом додааст. Дар натиҷаи омӯхтани паҳлуҳои гуногуни фаъолият ва вижагиҳои китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии мамлакат роҳҳои минбаъдаи рушди фаъолияти онҳоро муайян кардааст. Вазъи умумии омӯзиши мавзӯъ собит сохт, ки то кунун мавзӯи таҳқиқшаванда аз ҷониби олимону коршиносони соҳа ба таври мақсаднок ва комплексӣ омӯхта нашудаст ва ин ақоид тавассути таҳлили асарҳои мавҷуда аз ҷониби муаллиф асоснок карда шудааст.

Мухтавои рисола ва таҳлилу баррасиҳои мавзӯъ нишон медиҳанд, ки унвонҷӯ ба мақсади бамиёнгузоштаи худ расидааст.

**Максад ва вазифаҳои таҳқиқоти** диссертатсионӣ таҳлили маҷмӯи таърихнигории фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол ба ҳисоб меравад ва муаллиф бино ба мақсад кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда саҳм гузорад. Бинобар ин муаллифи диссертатсия заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии фаъолияти китобхонаҳои кишварро дар замони истиқлол омӯхта, раванди шаклгирӣ ва марҳилаҳои инкишофи шабакаи китобхонаҳои анъанавии Тоҷикистон, самарабахшии озмуну фестивалҳо ва нақши онҳоро дар рушди анъанаҳои китобдорӣ муайян намуда, вазъи корбурди технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар фаъолияти китобхонаҳо таҳлил карда, афзалиятҳои фаъолияти китобхонаҳои электрониро дар қонеъ намудани ниёзҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон нишон дода, тавсияномаҳои мушаххасро чиҳати такмили фаъолияти китобхонаҳои анъанавӣ, электронӣ ва дурнамои рушди онҳо дар шароити давлати соҳибистиқлол, таҳия намудааст.

**Навгонии илмии рисолаи Комилов М. Ш.** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ масоили фаъолияти китобхонаҳои анъанавии Тоҷикистон дар замони истиқлолият ба таври ҷомеъ мавриди омӯзиш қарор гирифта, тамоюлҳои мусбӣ ва манфии

тағйирпазирии фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар ин давраи таърихӣ муайян карда шудааст. Бар замми ин, дар рисола таърихи пайдоиш, зинаҳои инкишоф ва фаъолияти китобхонаҳои электронӣ ҳамчун марказҳои нави ҷамъоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодаву интиқоли манобеи иттилоотии электронӣ дар даврони истиқлол мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамзамон тавассути рисолаи мазкур ба илм як қатор маводи бойгонӣ ва сарчашмаҳои муҳими марбут ба таърихи китобхонаҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол ворид карда мешавад.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқу таҳлил ва собитсозии назару андеша аз манбаъҳои гуногуну ғании таърихӣ, матбуотӣ, адабиёти назариявӣ, осори пажӯҳишии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ доир ба соҳаи китобдорӣ, ки дар рисолаҳо, маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар мавод инъикос гардидаанд, фаровон ва ба маврид истифода намудааст. Илова бар ин, маводи марбут ба мавзӯи рисоларо дар шакли Феҳристи адабиёт ҷамъоварӣ намуда, таҳти унвони «Китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол», ки фарогири 1382 номгӯй мавод мебошад, ба табъ расонидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои корҳои баанҷомрасида, метавонанд ҳангоми навиштани рисолаҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи фарҳанги халқи тоҷик, таҳия ва навиштани барномаву дарсномаҳои таълимӣ барои мактабҳои миёнаи касбӣ ва олии китобдорӣ ва таълими фанҳои тахассусии “Китобхонашиносӣ”, “Библиографишиносӣ”, “Таърихи китобхонаҳои Тоҷикистон”, “Афкори китобхонашиносии тоҷик” ва диг., мусоидат намояд. Нуктаҳои муҳим ва натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби унвонҷӯ дар шакли маърӯза дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, пешниҳод шудааст.

Мазмуни асосии рисолаи илмии Комилов Меҳроҷ Шарифович дар 25 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4-тои он дар маҷаллаҳои илмии ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА ФР ва назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилгардида, инъикос шудааст.

**I. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия нашршуда:**

1. Комилов, М. Истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар китобхонаҳои Тоҷикистон [Матн] / М.Комилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №5. – Қисми 1. – С.175-180.

2. Комилов, М. Инъикоси осори Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар библиографияи тоҷик [Матн] / М.Комилов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2019. – №3 (66). – С. 195-204.

3. Комилов, М. Компютеркунонии китобхонаҳои Тоҷикистон: вазъи кунунӣ ва дурнамои рушд [Матн] / М.Комилов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ: нашрияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – 2019. – №3. – С.286-292.

4. Комилов, М. Рушди китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол [Матн] / М.Комилов // Муаррих. – 2019. – №2 (18). – С. 124-128.

**II. Китоб ва мақолаҳо дар дигар нашрияҳо:**

5. Китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол [Матн]: феҳристи адабиёт / мураттиб М. Комилов. – Душанбе: Аржанг, 2016. – 312 с.

6. Комилов, М. Рушди шабакаи китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол [Матн] / М.Комилов // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – №4 (36). – С. 67-77.

7. Комилов, М. Бунёди китобхонаҳои электронӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.Комилов // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VI. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 75-101.

8. Комилов, М. Давраҳои асосии рушди китобхонаҳои Тоҷикистон дар замони истиқлол [Матн] / М.Комилов // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VI. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 254-272.

9. Комилов, М. Ташкил ва гузаронидани озмуну фестивалҳо дар соҳаи китобдорӣ [Матн] / М.Комилов // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VI. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 279-291.

10. Комилов, М. Фаъолияти китобхонаҳои электронии анъанавӣ ва маҷозӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.Комилов // Ташаккули фарҳанги хизматрасонӣ ва баланд бардоштани нуфузи фаъолияти китобхонаҳо дар

ҷомеаи муосир: маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, 4-5 майи соли 2017, ш. Душанбе. – Душанбе, 2017. – С.97-102.

11. Комилов, М. Комилзода, Ш. Татбиқи барномаҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои илмии соҳаи китобдорӣ дар даврони истиқлол [Матн] / М.Комилов, Ш. Комилзода // Паёмномаи фарҳанг. – 2017. – №4 (40). – С. 64-73.

12. Комилов, М. Нақши сомонаҳои интернетӣ дар такмили фонди китобхонаҳо [Матн] / М.Комилов // Нақши китобхонаҳои ҷумҳурӣ дар ташаккули маънавии ҷомеаи муосир: маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, 4-5 майи соли 2018., ш. Душанбе. – Душанбе, 2018. – С. 102-105.

13. Комилов, М. Манбаъҳои такмили захираи китобхонаҳои электронӣ [Матн] // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VII. Маҷмӯаи мақолаҳо / М.Комилов. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С.21-25.

14. Комилов, М. Комилзода, Ш. Истиқлолият ва рушди фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.Комилов, Ш. Комилзода // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VII. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С. 134-149.

15. Комилов, М. Таҳқиқи фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.Комилов // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VII. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С. 460-465.

16. Комилов, М., Бутаева Г. Нақши китобхонаҳои ҷумҳурӣ дар ташаккули маънавии ҷомеаи муосир [Матн] / М.Комилов, Г. Бутаева // Душанбе. – 2018. – №6. – С. 71-72.

17. Комилов, М. Ҳамоиши илмӣ оид ба баланд бардоштани нуфузи китобхонаҳои кишвар [Матн] / М.Комилов // Паёмномаи фарҳанг. – 2018. – №2 (42). – С.117-118. – Бо ҳамкории Г. Бутаева.

18. Комилов, М. Саҳми сомонаи КМТ дар тарғиби фарҳанги китобдорӣ [Матн] / М.Комилов // Роҳҳои татбиқи инноватсия дар фаъолияти китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, 3 сентябри с. 2018. – Душанбе, 2018. – С. 128-133.

19. Комилов, М. Нашри китобҳои электронӣ ва тарғиби онҳо тавассути Интернет [Матн] / М.Комилов // Ҷойгоҳи китоби анъанавӣ дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ: маводи конфронси байналмилалӣ, 18 октябр, ш. Душанбе. – Душанбе: Истеъдод, 2018. – С. 34-42.

20. Комилов, М. Татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон [Матн] / М.Комилов // Фаъолияти инноватсионӣ дар

соҳаи китобдорӣ: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С.221-231.

21. Комилов, М. Таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ дар китобхонаҳои марказӣ ва макотиби олии ҷумҳурӣ [Матн] / М.Комилов // Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С.110-140.

22. Комилов, М. Ташаккули захираҳои ҳуҷҷатҳои электронӣ дар китобхонаҳо [Матн] / М.Комилов // Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С.199-206.

23. Комилов, М. Тарғиби библиографии осори Пешвои миллат [Матн] / М.Комилов // Душанбе. – 2019. – №5. – С.37-41.

24. Комилов, М. Таъмини китобхонаҳои Тоҷикистон бо технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ [Матн] / М.Комилов // Паёмномаи фарханг. – 2019. – №2 (46). – С.62-73.

25. Комилов, М. Марҳилаҳои рушди китобхонаҳои Тоҷикистони шӯравӣ [Матн] / М.Комилов // Паёмномаи фарҳанг. – 2019. – №3 (47). – С.64-74.

Хулосаҳои умуминазариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми банақшагирии барномаҳои минбаъдаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар ҷумҳурӣ метавонанд истифода шаванд.

Дар хулосаи рисола унвонҷӯ натиҷаҳои таҳқиқоташро ҷамъбаст намуда, дар баробари нишон додани дастовардҳо, тавсияҳои мушаххас ҷиҳати бартараф намудани камбудиву норасогиҳои ҷойдошта пешниҳод намудааст, ки барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби соҳаи китобдории Тоҷикистони муосир муфиданд.

Рисолаи илмии Комилов Меҳроҷ Шарифович «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)», ҷавобгӯи талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07 00 02 – таърихи ватанӣ (илмҳои таърихӣ) тавсия карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа ширкат доштанд – 7 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 7, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Протоколи № 11 аз 7 ноябри соли 2019.

Раисикунанда,
мудири шуъбаи таърихи
навтарини Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои таърих, дотсент Ғафуров А.М.

Котиби ҷаласа Олимова Ш.

Имзои н.и.т., дотсент А. М. Ғафуров ва Ш. Олимоваро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо Г. Файзуллоева

ШУЪБАИ КАДРҲО